# Китоби Муқаддас барои кӯдакон



## Зане дар назди чоҳ

Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Lazarus
Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: Ruth Klassen

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2022 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё
чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.

Исо ва шогирдонаш ба воситаи вилояти Сомара сафар мекарданд.  Онҳо ба шаҳре омаданд, ки Сухар ном дошт.



Дар он ҷо чоҳе буд, ки мардуми Сухар аз он оби ошомиданӣ мегирифтанд.  Ин чоҳро Яъқуб, ки аҷдоди исроилиён буд, чандин солҳо пеш канда буд.



Нисфирӯзии барвақт эҳтимол офтобӣ ва гарм буд. Ҳангоме ки шогирдон барои хӯрокхарӣ ба Сухар рафтанд, Исои мондашуда, дар лаби чоҳ нишаст.





Исо танҳо буд, лекин вақти бисёр не. Зане ки дар он шаҳр зиндагӣ мекард, барои обгирӣ омад.

Исо аз вай хоҳиш кард, ки барояш об диҳад.



Зан ҳайрон шуд. “Чӣ хел ту ки яҳудӣ ҳастӣ, аз ман ки зани сомарӣ ҳастам, об мепурсӣ?” — гуфт зан. Дар он рӯзҳо яҳудиён бо сомариён сарукор намегирифтанд.

Шояд зан ҳатто сахттар ҳайрон шуда бошад, зеро Исо ба вай гуфт: “Агар ту медонистӣ, ки Ман кӣ ҳастам, худат аз Ман оби ҳаёт мепурсидӣ”.





Зан ба Исо гуфт:
“Хоҷа, Ту барои обгирӣ чизе надорӣ, чоҳ бошад, чуқур аст. Пас аз куҷо оби ҳаёт мегирӣ? Оё ту аз аҷдодамон Яъқуб ки ин чоҳро ба мо додааст, бузургтар ҳастӣ?”



Исо ба зан гуфт: “Ҳар кӣ аз ин об нӯшад, боз ташна мемонад.  Аммо ҳар кӣ аз обе ки Ман ба вай медиҳам, нӯшад, ҳаргиз ташна намонад.  Обе ки Ман медиҳам, дар вуҷудаш чашмаи об шуда, ӯро ба ҳаёти абадӣ мебарад”.
Зан гуфт: “Хоҷа, аз ин об ба ман деҳ”.

Исо ба зан гуфт, ки рафта шавҳарашро ҷеғ занад. Зан ҷавоб дод, ки вай шавҳар надорад.  Вале Исо гуфт: “Ту панҷ шавҳар доштӣ ва оне ки ҳоло бо ту зиндагӣ мекунад, шавҳарат нест”.



Зан фаҳмид, ки Исо пайғамбар аст. Ӯ мехост, Исоро ба баҳс барад, ки дар куҷо Худоро бояд ибодат кард: дар шаҳри Уршалим ё дар кӯҳи муқаддаси сомариён? Исо гуфт, ки ибодаткунандагони ҳақиқӣ Падарро дар рӯҳ ва ростӣ парастиш мекунанд.



Зан ба Исо гуфт: “Ман медонам, ки Масеҳ меояд. Вақте ки Ӯ меояд, ҳама чизро ба мо мефаҳмонад”. Исо гуфт: “Ман ки бо ту сӯҳбат мекунам, Ҳамон одам ҳастам”.  Ҳамин вақт шогирдон баргаштанд. Зан сатили қиматашро дар лаби чоҳ гузошта, ба шаҳр баргашт.





Ӯ ба мардуми Сухар чунин гуфт: “Рафта Мардеро, ки тамоми корҳои кардаамро ба ман гуфта дод, бинед. Оё метавонад, ки Ӯ Масеҳ бошад?” Мардум аз шаҳр баромаданд, то худашон рафта Исоро бинанд.

Дар ин вақт шогирдон ба Исо гуфтанд, ки ягон чиз хӯрад. Аммо Исо гуфт: “Хӯроки Ман ин аст, ки хости Фиристандаамро ба ҷо орам ва кори Ӯро ба анҷом расонам”. Кори Исо ин одамонро ба назди Худо овардан буд.





Бисёр сомариён ба хотири суханони он зан ба Исо имон оварданд. Онҳо аз Исо хоҳиш карданд, ки ҳамроҳашон бимонад. Исо дар он ҷо ду рӯз истод.



Бештари одамон аз рӯйи суханони худи Исо имон оварданд. Онҳо гуфтанд: “...мо худамон суханонашро шунидем ва медонем, ки Ӯ дар ҳақиқат Масеҳ, Наҷотдиҳандаи ҷаҳон аст”.

# Зане дар назди чоҳ

## Ҳикоя аз Каломи Худо

## Юҳанно 4

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”. Забур 119:130

# Хотима

47

60

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16